Ба Шӯрои диссертатсионии 6КОА-005 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

## ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон М.А.Олимов ба рисолаи **Аҳмедов Фаррухзод Ҳасанович** дар мавзӯи **"Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев"** аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои тадқиқоти таърихӣ

Рисолаи барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пешниҳод гардидаро метавон нахустин таҳқиқоти ҷиддии илмӣ дар мавзӯи "Академик Абдулғанӣ Мирзоев ҳамчун муаррих ва барҷастатарин инъикосгари таърихи халқи тоҷик дар адабиётшиносии давраи советӣ" эътироф намуд. Фаъолияти доманадори Абдулғанӣ Мирзоев (1908-1976) ҳанӯз дар замони дар қайди хаёт будан бо осори гаронбаҳояш ҳамчун шарқшинос, муаррих, адабиётшинос, забоншинос, файласуф, фолклоршинос, мунаққид ва бештар аз ҳама созмондеҳи мактаби илмӣ ва мураббии як зумра олимон ва муҳаққиқон дар кишвари собиқи шӯравӣ, ҷумҳуряҳои Тоҷикистону Осиёи Миёна ва хориҷ аз он эътироф гашта буд.

Худ нахустсардори Институти таърих, археология, этнография, забон ва адабиёт шуъбаи Тоҷикистонии АФ СССР (1947-1951) лоиқ донистани А.Мирзоев аз ҷониби роҳбарияти вақти Шӯравӣ бо дастгирии сардори КМ ҲК Тоҷикистон Б.Ғафуров ин худ баёнгари обрӯю эътибор ва нуфузи ӯ дар охири солҳои 40-ӯм ва аввали солҳои 50 –ӯм буд. Маҳз бо ибтикори ӯ ҳамкориҳо бо муассисаҳои илмии Москва ва Ленинград барқарор гардида, донишмандони зиёде аз муассисаҳои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Тоҷикистон даъват ва ба омӯзиши густурдаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии халқи тоҷик оғоз гардидаст.

Академик А.Мирзоев асосгузори мактаби шарқшиносии муосири тоҷик буда, маҳз бо ташаббус ва ибтикори ӯ дар соли 1958 Шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ ва соли 1970 ин муассисаи эътирофгардидаи илмӣ ба Институти мустақили шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон табдил гардид. Дар давоми тамоми фаъолияти Шуъба ва Институт сарварии онро то охири ҳаёт (с.1976) шодравон ба уҳда доштанд. Бояд зикр намуд, ки Институти шарқшиносии Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ ба яке аз марказҳои бонуфузи мактаби шарқшиносӣ бо сабку услуби хоси худ, махсусан дар бахшҳои матншиносӣ, адабиётшиносии классикии тоҷику форс, эроншиносӣ, афғоншиносӣ, арабшиносӣ ва ҳиндшиносӣ эътибор пайдо намуд. Дар ин ҷода, маҳз хизматҳо ва обрӯю эътибори сарвари мактаби шарқшиносии тоҷик академик А.Мирзоев буд, ки дар ин муддат як зумра муҳаққиқони варзида ба кори Шуъба ва минбаъд Институт ҷалб гардиданд ва бо кӯшиш ва тарбияи ғамхоронаи устод Мирзоев ва насли нахустини муҳаққиқон даҳҳо нафар ҷавонони болаёқат ба илми шарқшиносии муосири тоҷик рӯ оварданд. Робитаҳои босамар бо марказҳои илмии Москва, Ленинград (ҳозира Питербург), Тошканд, Боку, Ереван, Тифлис, ҳамчунин Теҳрон, Кобул, Лоҳур, Деҳлӣ ва ғ., ки устод Мирзоев таваҷҷуҳи хоса доштанд, барои рушду такомули шарқшиносии тоҷик имконияти хуберо фароҳам овард. Инак, матлаби зикр гардида дар радифи мубрамияти мавзӯъи рисола, ки дар муқаддимаи он бо далелҳои қотеъ оварда шудааст, бешак қобили дастгирист.

Сатҳи омузиши мавзӯъ дар асоси қариб тамом китобу мақолаҳои бахшида ба фаъолият ва осори академик Мирзоев, мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифтааст. Аммо доир ба осор ва саҳми устод дар рушди шарқшиносӣ дар хориҷ аз кишвари Шӯравӣ, ки дар он ҷо низ шуҳрати устод кам набуд, иттилои бештар оварда мешуд. Мутассифона, ба назари банда, ин камбуд қисмати таърихнигории рисоларо то ба андозае коста намудааст.

Дар бораи сохтори рисола, ки иборат аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст, тибқи муқаррарот эроди ҷиддие ба чашм намерасад. Зеро банду баст, масъалагузорӣ ва мантиқи бобҳо ва зербобҳо ҷавобгӯи нақшаи мантиқан дурусти мавзӯъи интихобгардида мебошанд. Дар боби якуми рисола «Академик А. Мирзоев олими бараста ва созмондеҳи илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистон» марҳилаҳои асосии зиндагӣ, фаъолияти илмии устод, А.Мирзоев ҳамчун созмондеҳи илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон ба таври лозима таҳлили муфассали худро ёфтаанд.

Боби дуюми рисола - «Саҳми академик А. Мирзоев дар рушди илми таърих дар Тоҷикистон» ҳамчун боби марказӣ аз панҷ зербоб иборат буда, мавзӯъҳои зайли тадқиқотиро баррасӣ намудааст: "Академик А.Мирзоев муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик», «Бозтоби масоили таърихи сиёсии давлати Сомониён дар осори академик А. Мирзоев»,«Инъикоси рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV ва нимаи аввали асри XVI дар асарҳои академик А.Мирзоев», «Баррасии масоили таърихии асри XVII ва нимаи авали асри XVIII дар рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и академик А.Мирзоев» ва ниҳоят «Инъикоси воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX-и Аморати Бухоро дар осори Аҳмади Дониш ва баррасиҳои онҳо аз тарафи академик А.Мирзоев».

Аз натиҷаҳои асосии зиндагиномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев бармеояд, ки ҳаёт ва фаъолияти вай мактаби бузургест барои насли ҷавони имрӯз, махсусан барои ононе, ки ба роҳи илму маърифат мераванд, мактаби бузурги ибрат аст. Академик Абдулғанӣ Мирзоев 31 соли умри бобаракати худро сарфи таҳқиқ ва роҳбарии муассисаи илмӣ дар Академияи илмҳои Тоҷикистон карда аст, ки дар рисола ба таври муфассал сухан меравад.

Чун матлаби бунёдии рисола - академик А.Мирзоев ва илми таърих аст аз боби дуюми рисола хулосаҳои зерин бармеоянд, ки ҷолибанд инҷо зикр гарданд:

- Аз рӯзҳои аввали таъсиси Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ Иттиҳоди Шӯравӣ (1941) А.Мирзоев бо ин маркази илмӣ ҳамкорӣ карда, моҳи октябри соли 1947 то 1951 вазифаи директории онро бар дӯш дошт ва маҳз аз ҳамон давра бо ҷалби мутахассисони варзида дар институти мазкур омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик оғоз мешавад;

-Дар замони роҳбарӣ дар Институти номбурда А.Мирзоев бо дарназардошти имконоти он давр, омӯзиши таърихи Кӯҳистон ва Фалғар бо сардории А.Ю. Якубовский (аз соли 1946, барои гузаронидани ҳафриётҳо дар Панҷакент қарор дошт) мусоидат намуд. Ӯ соли 1949 бо ҳайати кормандони илмии Академияи фанҳо ба шаҳри бостони Панҷакент омада, пойгоҳи бостоншиносиро кушода, ба омӯзиши ёдгориҳои қадимаи ин шаҳри бостонӣ машғул шуд ва дар омӯзиши таърихи ин шаҳр саҳми калони худро гузошт. Барои омӯзиши осори таърихии халқи тоҷик дар ҳудуди як қатор ноҳияҳои РСС Тоҷикистон ва вилояти Фарғонаи РСС Ӯзбекистон экспидитсияҳои илмию таҳқиқотӣ ташкил намуд;

- Фаъолияти илмии Абдулғанӣ Мирзоев ҳамчун муаррих дар соҳаи омӯзиш ва шинохти таърихи халқи тоҷик, аз ҳамкории илмӣ бо аллома Бобоҷон Ғафуров оғоз шуда, бо омӯзиши сарчашмаҳо ва ёдгориҳои таърихӣ густариш ёфта, бо баррасии ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии асрҳои миёна ва пасини ҳалқи тоҷик такмил ёфт. Дар зимн нақши ӯ дар муайян намудани зиндагиномаи теъдоде аз шахсиятҳои бузурги таърихи халқи тоҷик хеле бузург аст. Аз ҷумла доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии А. Рӯдакӣ, К.Биноӣ, С. Насафӣ, М. Самарқандӣ, М. Бухороӣ ва А. Дониш асарҳои боарзиши илмӣ навишт. Илова бар ин робитаҳои адабии Мовароуннаҳрро бо Ҳинду Эрон дар асрҳои миёна омӯхта, бо ин роҳ ҳудуди ҷуғрофиёии густариши адабиёти форсу тоҷикро мушаххас карда,

баъди анҷоми таҳқиқотҳои зиёди илмӣ, теъдоде аз шоирони номаълуми асрҳои VIII -XIX–и адабиёти тоҷику форсро муайян намуд.

Аз доираи масъалаҳои таърихие, ки академик Абдулғанӣ Мирзоев ба омӯзиш ва таҳлили онҳо таваҷҷуҳ намуда онҳоро дақиқан омӯхтааст фарогири беш аз ҳазорсолаи (асрҳои IX-XIX) таърихи халқи тоҷик мебошанд, ки чанде онҳоро аз рисола меорем:

- бозтоби масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати Сомониён;

-инъикоси ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV;

- баррасии воқеаҳои таърихӣ дар аҳди ҳукумати султон Ҳусейн Бойқаро (1469-1506) дар Хуросон;

- тавзеҳи масоили сиёсии Мовароуннаҳр дар ибтидои асри XVI;
- инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи Шайбониён ва Сафавиён дар оғози асри XVI;

- таъсиси давлати Аштархониён ва мушкилотҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Мовароуннаҳр дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII;

- шарҳи муносибатҳои хасмонаи ду маркази давлати Аштархониён: Бухоро ва Балх;

- амалҳои харобиовари сулолаҳои Шайбониёну Аштархониён нисбат ба ёдгориҳои таърихии Мовароуннаҳр;

- баррасии муносибатҳои тиҷоратии давлати Аштархониён бо Россия;

- баёни сабабҳои асосии суқути сулолаи Аштархониён ва ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиён;

- таҳлили масоили таърихии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX дар асоси осори Аҳмади Дониш.

Месазад хулосаи хеле муҳими муаллифи рисоларо таъкид кард: "академик А.Мирзоев услуби пажӯҳиши таърихию адабиро дар адабиёти шӯравии тоҷик поягузорӣ кард, ки он дар солҳои баъдӣ аз ҷониби дигар олимон чун меъёри таҳқиқоти илмӣ пазируфта шуд ва идома пайдо кард.

Чунин муносибати густурда ба омӯзиши масъалаи мавриди пажӯҳиш буд, ки теъдоди зиёде аз адабиётшиносони тоҷик дар таҳқиқи мавзӯъҳои таърихӣ комёб гардиданд" (саҳ. 7).

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ дар рисолаи Фаррухзод Ахмедов чанде камбудиҳо ва нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳ ва ба назар гирифтани онҳо барои беҳбуди мазмуну мундариҷаи рисола хоҳад буд.

1. Дар зербоби дуюми боби аввал " Академик А.Мирзоев созмондеҳи илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон" муфассал дар бораи таърихи ташкилёбии мактаби шарқшиносии советии тоҷик сухан меравад ва самтҳои фаъолияти Институти шарқшиносӣ тавассути фаъолияти бахшҳои он тасвир ёфтаанд. Аммо, фаъолияти баъзе бахшҳо, масалан, Сектори Ҳинду Покистон (саҳ.63), дар муқоиса ба секторҳои эроншиносӣ, афғоншиносӣ, арабшиносӣ қариб номуайян инъикос ёфтааст. Дар матни рисола, дар бораи таҳқиқотҳои анҷомдодаи Абдуллоҷон Ғаффоров, Шарафҷон Пӯлодова, Муҳаббатшо Қаноатов ва чанде аз нахустин мутахассисони ҷавони забон ва адабиёт ҳиндӣ ва урду (Акбар Усмонов, Мумтоз Усмонов, Иброҳим Нуров, Ҳабибулло Раҷабов, Зебо Муллоҷонова ва дигарон), ки пас аз хатми донишгоҳҳои Москва, Ленинград ва Тошканд бо ташаббуси сарвари вақти Институт устод А.Мирзоев ба кор шурӯъ намуда буданд, маълумоте оварда нашудааст.
2. Бардошти муаллифи рисола: "Агар пажӯҳишҳои таърихӣ ва адабиётшиносию забоншиносии академик А.Мирзоевро ба муқоиса мегирем, мебинем, ки *осори ба таърих* бахшидаи ӯ аз *адабиётшиносию забоншиносияш бештар ва қавитаранд*. Ба назар мерасад, ки ба таърих рӯй овардани академик А.Мирзоев ба ҳангоми пажӯҳишҳои адабиётшиносиаш ба яқин аз ҳамкориҳояш бо академик Б.Ғафуров сарчашма мегирад" (саҳ. 111), то ба андозае мантиқӣ аст. Аммо "хулоса, академик А.Мирзоев бо он ошноии комиле, ки бо

сарчашмаҳои таърихии асрҳои XVI ва XVII дошт, инчунин назари интиқодие, ки ба осори илмии донишмандони ин аҳдро таҳқиқкарда баён мекард, бардоштҳо ва хулосаҳояш аз рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV ва аввали асри XVI бар пояи илмӣ устувор буда, то кунун миёни донишмандон аз арзиши илмӣ бархӯрдоранд" (саҳ. 136), боэътимодтар ва муаррихи воқеӣ будани А.Мирзоевро ба исбот мерасонад.

3. Овардани солҳои ҳаёти шахсиятҳое, ки дар рисола оварда шудаанд бояд яксон бошад. Дар баъзе саҳифаҳо оварда шудаанд, дар баъзеи дигар пурра оварда нашудаанд ва ё солҳо ғалат нишон дада шудаанд. Масалан: Ш.Хусейнзода (саҳ. 70), Н.Х. Нурҷонов (саҳ.76), А.А.Болдирев ва Н.Прохоров (саҳ.79), А.Шишов (саҳ.84), Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, Н. Османов, А.Ҷалилов, Р.Хошимов (саҳ.98).
4. Солҳои ишорагашта нисбати Низомулмулк (963-1092)? ва Алпарслон (963-1072)? (саҳ.104), "Шоҳрух (1405-1447)", "писари ӯ Улуғбек (1405-1449)"(саҳ.113) зери шубҳа мабошанд.
5. Овардани исми "Шайбакхон" аз муаллифи «Ҷаҳонкушои хоқон» нисбати Шайбонихон (саҳ. 121-122), барои хонандаи омии рисола каме бошад ҳам шарх мехоҳад.

Эродҳои зикршуда ва рафъи онҳо барои такмили бештари муҳтавои диссертатсия мусоидат карда, ба дастовардои илмии муаллиф халал ворид намекунанд. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоташро дар ҳафт мақолаи илмӣ, ки шаштои он дар маҷаллаҳои мавриди эътибори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос намудааст. Автореферати диссертатсия муҳтавои онро пурра фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ

Мирзоев» аз рӯи ихтисоси ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ анҷомёфта ҳисобида шуда, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро ба иҷро расонад. Сохтори диссертатсия ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи минтақашиносии**
**хориҷии факултети муносибатҳои**
**байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **М.А.Олимов**

27 апрели 2021

Тел. моб: + (992)907-72-82-25; E-mail: muzaffarolimov@mail.ru

Имзои проф. М.А.Олимовро тасдиқ менамоям

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Эмомалӣ Тавқиев

04.05.021